**Протоколи № 9**

маҷлиси васеи муштараки кафедраҳои грамматикаи забони арабӣ ва забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

аз 19-уми апрели соли 2022

**Иштирок доштанд:** декани факултет дотсент Раҳимов И., доктори илми филология, профессор Шокиров Туғрал, номзади илми филология, дотсент Ҷӯраева Сарвиноз, номзади илми филология, дотсент Ӯзбеков Салоҳиддин, номзади илми филология, дотсент Юсупова Манзура, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, н.и.филол., дотсент Шарипова М., мудири кафедраи грамматикаи забони арабӣ, н.и.филол., сармуаллима Қӯзиева Н., аъзои кафедрҳоа ва устодони факултет

**Рӯзнома:**

**6.1. Масъалаҳои ҷорӣ:**

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи грамматикаи забони арабӣ Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ).

Маҷлисро мудири кафедраи грамматикаи забони арабӣ н.и.филол., сармуаллима Қӯзиева Н.М. кушода, ҳозиринро бо рӯзномаи маҷлис шинос кард ва барои шинос кардан бо мухтавои диссертатсия суханро ба унвонҷӯ Ашрапов Б.П. дод.

**Суханронии унвонҷӯ Ашрапов Б.П.:** – "Муҳтарам раис, устодони гиромӣ! Иҷозат фармоед, мухтасари мазмуну муҳтавои рисолаи номзадии худро зери унвони "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)" пешниҳод намоям. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса иборат буда, дар ҳаҷми 181 саҳифаи компутерӣ таълиф гаштааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он аст, ки омӯзишу баррасии марҳалаҳои гуногуни давраи нави густариши таърихи забони адабии тоҷикӣ, маъмулан аз қарнҳои VIII-IX ин ҷониб ба таҳлилу таҳқиқи асарҳои ҳам мансур ва ҳам манзуми муътамад вобастагӣ дорад ва ба қавли аксари муҳаққиқин таърихи забони адабӣ одатан дар асоси забони асарҳои нависандагони бузург барқарор

карда мешавад. Дар забоншиносии тоҷикӣ муайян намудани давраҳои мухталифи рушди таърихи забон дар асоси хоҳ осори илмӣ-таърихӣ ва хоҳ бадеӣ аз масъалаҳои мубрами он маҳсуб мешавад.

Осори мавриди қиёси мо таърихномаҳоеанд, ки ҳамчун мероси хаттии ниёгонамон маъмул гаштаанд. Бояд як нуктаи муҳимро қайд намуд, ки забони осори мавриди омӯзиши мо дорои ғаномандии ба худ хос буда, дар таҳлили муқоисавӣ-таърихии вежагиҳои сарфии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX кумак карда, маводи фаровоне медиҳанд.

**Усулҳои таҳқиқ.** Баррасӣ ва таҳлили муқоисавӣ-таърихии ҳиссаҳои номии нутқи забони давраҳои мавриди назар бо усулҳои мухталифи илмӣ ва тадқиқ, минҷумла: усули муқоисавӣ, усули муқоисавӣ-таърихӣ, усули мантиқӣ, усули эҳсоӣ ва амсоли инҳо анҷом пазируфтанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ.** Дар забоншиносии тоҷик бори аввал таҳлили муқоисавӣ-таърихии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли “Туҳфат-ул-хонӣ”-и Муҳаммадвафои Карминагӣ) дар муқоиса бо осори бадеӣ ва таърихии устод Айнӣ батафсил мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, хасоиси сарфии ҳиссаҳои номии нутқи забони даврон омӯзиш ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- категорияҳои исм: шумора, муайянӣ ва номуайянӣ;
- воситаҳои ташаккули исмҳои сохта;
- сифат ва анвои он ва категорияи дараҷаи сифат;
- таҳлили муқоисавии вандгунаҳо;
- вежагиҳои сарфии шумора ва анвои он;
- ҷонишин ва анвои он;
- хасоиси корбурди ҷонишинҳо.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** диссертатсия аз муқаддима, се боб, хафт фасл, бисту панҷ зерфасл, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ ва сарчашмаҳо иборат буда, фарогири 181 саҳифаи чопи компутерӣ аст.

**Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия.** Осори мавриди қиёси мо баёнгари хусусиятҳои гуногун ва рангоранги сарфии забони адабии қарнҳои XVIII ва XX мебошад. Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавии вежагиҳои сарфии ҳиссаҳои номии нутқи забони давраҳои қиёсшаванда ба мо имкон фароҳам меорад, ки аз таърихи забони тоҷикӣ ва вежагиҳои таҳаввулу рушди он дар ин давраҳо огоҳ бошем ва дигаргуниҳои сарфии осори мазкурро хулоса намоем.

Дар бобати категорияи шумораи исм метавон гуфт, ки муаллифони осори мавриди қиёс комилан аз унсурҳои ҷамъбандии забони тоҷикӣ истифода карда, дар баробари ин пасвандҳои ҷамъбандӣ ва қолабҳои ҷамъи шикастаи арабиро низ корбаст намудаанд. Дар бархе аз мааворид кӯшиш намудаанд, ки калимаҳои

аз нигоҳи забоншиносии арабӣ, аслашон аҷамиро (тоҷикӣ, туркӣ, муғулӣ ва чағатойӣ) дар қолаби ҷамъбандии арабӣ истифода намоянд.

Категорияи номуайянии исм дар ағлаби ҳол бо артикли-**е** ифода ёфтааст. Дар баробари ин, морфемаҳои **як** ва **чанд** низ ҷиҳати ифодаи ин вежагӣ адои вазифа мекунанд.

Бо вуҷуди умумият дар калимасозии имрӯзаи забони адабӣ ба назар чунин мерасад, ки бархе аз аносири вожанигорӣ аз рӯи истифодаашон аз вандҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ тафовут доранд. Бино бар ҳисоби эҳсоии мо маълум гардид, ки баъзеи вандҳо серистеъмол ва баъзеашон камистеъмоланд. Аз ин таҳқиқ таҳаввули маъно, вазифа, хусусият ва мавқеи вандҳои исмсозро дар қарнҳои XVIII ва XX муайян намудан мумкин аст.

Таҳлили маводи мубрами осори мавриди қиёс дар мисоли сифат ва роҳи усулҳои сохта шудани он мабнӣ бар он аст, ки забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX дар ин маврид аз забони адабии муосири мо фарқияти ҷиддӣ надорад. Бо вуҷуди ин, мушоҳидаҳои мо нишон дод, ки дар осори мавриди назар чандин вежагиҳои сарфии сифат қайд ва баррасӣ шуд:

- каммаҳсул ба назар расиди пешвандҳои **ба-**, **бар-** ва **дар-** дар осори мавриди қиёс;

- пешвандҳои **бе-** ва **но-** дар осори муқоисашаванда яке аз унсурҳои вожасози муштарак ва сермаҳсул мебошанд, ки онҳо чун анъана, аз дигар ҳиссаҳои номии нутқ сифатҳои аслӣ месозанд;

- агарчи гурӯҳе аз пасвандҳо дар калимасозӣ фаъол бошанд, пас гурӯҳи дигаре дар иҷрои ин вазифа кам истифода шудаанд. Аз ин рӯ, пасвандҳои сифатсози **-нок, -манд, -ин, -ина, - гун** ва **-гуна** дар осори муқоисашаванда корбурди бештар дошта, унсурҳои вожасози **-ак (-як), -акак (-якак),-со, -ур, -гона, -акӣ** ва **-чак** ба назар нарасиданд.

Муқоиса нишон медиҳад, ки дар осори номбурда дараҷаи аломати бартарии сифат дар аксари ҳол бо роҳи аналитикӣ сурат мегирад. Дар ифодаи дараҷаи муқоисавӣ чун анъана ва аз рӯи қоида дар ҷумла ҳам муқоисакунанда ва ҳам муқоисашаванда меоянд. Дар асари таърихии а.XVIII пешоянди **бар** барои ифодаи дараҷаи бартарии сифат аз нигоҳи маъно ба вазифаи **нисбат ба, назар ба** корбаст мешавад, ки вежагии мазкур ба забони осори мавриди қиёси а.XX хос нест.

Шумораҳо дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX аз ҷиҳати сохт ва услуби грамматикӣ ба шумораҳои забони адабии муосири тоҷикӣ шабоҳат доранд. Шумораҳои миқдории аслии осори мавриди таҳқиқ яке аз шумораҳои сермаҳсул ба ҳисоб мераванд.

Низоми ҷонишинҳои маводи таҳқиқ аз низоми ҷонишинҳои забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ бо баъзе хусусиятҳои ҷузъии худ фарқ мекунанд. Ҳисоботи оморӣ мо нишон медиҳад, ки бархе аз ҷонишинҳо сермаҳсуланд ва

бархеашон каммаҳсул. Муҳаммадвафои Карминагӣ барои ифодаи шахси якум дар аксар маворид калима-ҷонишинҳои **камина, муҳаққар, банда**ро мавриди истифода қарор додааст.

Дар рисола барои баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои мазкур усули муқоисаю тазодӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, инчунин аз методҳои дистрибутивӣ, гипотетикиву дедуктивӣ, таҳлили трансформатсионӣ истифода шудааст.

Дар қисмати хулоса муҳимтарин нуктаҳои рисола оид ба мавзуъ дар шакли мухтасар баён шудаанд."

Натиҷаи таҳқиқот дар 20 мақола (аз ҷумла, 10 мақола дар нашрияҳои тавсиявии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассисон ва доираи васеи хонандагон пешниҳод шудааст.

Дар охир бояд иброз намоям, ки кори анҷомдодаи мо шогирдона буда, аз камбудиву нуқсонҳо орӣ нест. Аз ин рӯ, бо маслиҳати Шумо – устодони соҳибтаҷриба сатҳу сифати кори мо беҳтар хоҳад шуд".

Сипас, саволу ҷавоб оид ба масъалаҳои диссертатсия сурат гирифт:

**Профессор Т.Шокиров**: Чаро маҳз забони арсҳои XVIII ва XX-ро муқоиса кардед. Аз байн асри XIX мондааст?

**Ҷавоби унвонҷӯ:** Оре, савол хеле бамарид мебошад ва мо дар чанд мақолаҳои ҷудогонаи хеш роҷеъ ба баъзе вежагиҳои боризи ҳиссаҳои номии нутқи асри XIX дар қисё бо қарнҳои мавриди омӯзиш матраҳ намудем.

**Савол:** Чӣ тавр исбот мекунед, ки ин калимаҳоро муаллифи осори мавриди назари шумо сохтааст: Мас. дар саҳ. 51 шаҳристон, гӯристон, зимистон ва ғ. Дар ФЗТ мисол мисол азосори пешинагон овардаанд.

**Ҷавоби унвонҷӯ:** Мо дар асоси чанд қолабҳои махсуси калимасозӣ тасмим гирифтем, ки чанд қолабҳои нодири вожанигорӣ табқи завқу услуби Карминагиро мавриди таҳқиқ кашида, баъзе калимаҳои нодирро тасниф кардем, аммо дар инҷо хатои услубӣ омадааст ва мо ҳатман инро ба инобат гирифта ислоҳ мекунем.

**Савол:** Оё ванду вандгунаҳо калимаи мураккаб месозанд? (чӣ хеле ки шумо дар саҳ. 100 гуфтаед)

**Ҷавоби унвонҷӯ:** Не, лекин вандгунаҳо калимаҳои мураккаб месозанд.

**Савол:** Шумо 31 маротиба гуфтаед, ки ин ё он воҳиди забонӣ хоси забони давраи омӯзинши мо нест. Оё дар асоси маводи як асар чунин хулоса баровардан дуруст аст?

**Ҷавоби унвонҷӯ:** Бале, Устод дар асоси як сарчашма муайян ва ё хулосабарорӣ намудан ғайриимкон аст, вале мо дар заминаи дигар осори ҳамондавра баррасӣ ва қиёс намуда, баъдан натиҷагирӣ намудем.

**Дотсент Узбеков С. –** Чанд мақолаи илмӣ чоп намудед?

Дар умум, 25 мақолаи илмӣ ба табъ расонидем.

**Мудири кафедра Қӯзиева Н.:** сухани нахустинро барои муҳокима ва эроду пешниҳодҳо ба профессор Т.Шокиров дод.

**Профессор Т.Шокиров** – Рисолаи мавриди муҳокимаи мо ба яке аз мавзуъҳои мубрами забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Аз мутолиаи рисола бармеояд, ки муаллиф бо мақсади ҳарчӣ беҳтару хубтар бо мавзуъ ворид шудан бо адабиётҳои илмию назариявӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқ хуб ошно гардида, кори хубу пурмуҳтавоеро таҳия кардааст ва барои ин эшон ва роҳбарашонро табрик мегӯям. Аммо чун ҳама кори дигар баробари дастоварди зиёд баъзе нуктаҳое ба назар расиданд, ки оидашон мехоҳам андешаамро иброз намоям:

-Тарзи номнависии рамзи ихтисоро аниқ кардан лозим аст... муқоисавӣ ё муқобилавӣ?

- дар сарлафҳаи унвони рисола истилоҳи сарфӣ дар боби якум морфологӣ омадааст, якеро интихоб карда, ақалан дар сарлаҳҳаҳо ҳамгуниро риоя кардан лозим аст. Оид ба фарогирии асрҳо гуфтем. Ин боб аз 2 фасл ва 9 зерфасл иборат аст.дар ин фаслҳо ва минбаъд принсипи ягонаи унвонгузорӣ риоя нашудааст. Масалан, фасли 1 танҳо ИСМ номида шуда, фасли 2 "Вежагиҳои сарфии исмҳои сохта дар забони давраҳои омӯзиш" номгузорӣ шудааст, ки хеле мушаххас ва муайян аст. На забони давраи ..., балки Забони осори ....гуфтан беҳтар буд.

- Муқаддима аз саҳ.5 то саҳ.17.- 12.саҳ. он албатта бо мубрамӣ оғоз меёбад, вале номи бандҳоро тибқи талаботи КОА кардан даркор, умуман пеш аз супоридан корро мувофиқи талаботи нав кардан беҳтар буд.

- Хронологияи таҳқиқот низ риоя шавад, беҳтар аст. Масалан, оид ба таҳқиқи вандҳо аввал кори профессор Д.Тоҷиеву Ш.Рустамовро оварда, баъд ба Ниёзӣ мурочиат мекунед, аз рӯи соли таълиф бояд Ш.Ниёзӣ, Д.Тоҷиев ва баъд Ш.Рустамов бошад.

- Сохтору таркиби рисола асосан дуруст, вале ҳаҷмаш зиёдтар, тақрибан 15 саҳ., аз боби сеюми 9 саҳ. Зиёд, муқаддима 12. Аз ҳисоби 10 саҳ.ихтисор кардани боби аввал ва 2-3 саҳ. Кам кардани муқаддима сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро дуруст кардан мумкин аст.

- Хулосаи боби якумро пурратар кардан мумкин аст, масалан дар кор категорияи номуайянӣ ҳаст дар хулоса гапе нест ва ғ.

- Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро банд-банд мушаххас дар таълим, таҳияи китобу дастурҳои дарсӣ, рисолаҳо, фарҳангҳо пешниҳод кардан будагист.

Умуман, рисолаи мавриди муҳокимаи Ашрапов Баҳодур кори баанҷомрасида аст. Меҳнату заҳмати зиёд шудааст, дастгоҳи илмиву техникиаш дуруст, ҳасаноти зиёд ва навгониҳои бисёр дорад ва ин дархости манзуркардаи мо маънои онро надорад, ки сифати кор паст аст, балки фароирии мавоби таҳқиқ, мавзуъ ва ҳаҷми кор аз талаботи рисолаи номзадӣ болотар аст ва дар

сурати ба инобат гирифтани андешаҳои ҷаласаи имрӯза он боз ҳам беҳтар хоҳад шуд. Бинобар ин пешниҳод менамоям, ки бо дарназардошти андешаҳои муқарризон рисола ба муҳокимаи навбатӣ манзур карда шавад.

**Мудири кафедра Қӯзиева Н.** - Сухани навбатӣ барои таклифу пешниҳодҳо ба дотсент Ӯзбеков С. дода мешавад.

**Дотсент Ӯзбеков С.** – Дар ҳақиқат мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ хеле муҳим мебошад. Интихоби мавзуъ актуалист, зеро муайян намудани давраҳои мухталифи рушди таърихи забон хоҳ дар асоси осори илмӣ-таърихӣ ва хоҳ бадеӣ аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Он барои ба таври возеҳ инъикос намудани хусусиятҳои сарфии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикӣ дар қарнҳои XVIII ва XX мадад мерасонад.

Дар ҳар сурат, якчанд эродҳо ва пешниҳодҳо ки дар рисола мушоҳида намудем, мехоҳем, ки онро ироа намоем:

1. Доираи мавзуи мавриди таҳқиқ васеъ мебошад, аз ин сабаб, номи мавзуъро тавассути зикри номи осори мавриди таҳлил мушаххас намудан беҳтар аст:
2. Соддатар ва дастрас баён намудани фикру андеша (ҷумлаҳои печ дар печро мушаххас баён кардан) ҳусни рисоларо боз ҳам афзун хоҳад кард – саҳ.4, 11, 91;
3. Ҳамчунин дар рисола чанд ғалати имлоиву китобатӣ ба мушоҳида мерасанд:1) Ихтисори калимаи саҳифа: 208, с.58; 201, с.123 – с. лозим не; 2) 1156ҳ./1747м. -ҳ/м. дар рӯйхати ихт.нест, аслан ин ҷо аломати / кифоя аст: 1156/1747; 3) якрангӣ (унификатсия) риоя шавад: сарчашмаҳо бо ду навъи қавс: (...) ва […], ҳангоми тавзеҳи вожаҳо номи муаллим : (...-Б.А ё А.Б.) зикр шудааст, бояд чунин бошад (... – А.Б.)

Дар маҷмуъ, камбудиву норасоиҳо ва иштибоҳҳои номбурда моҳияти илмӣ ва дастовардҳои боарзиши муҳаққиуи ҷавонро коста намесозанд ва ин нуқсонҳо ислоҳшаванда буда, барои беҳтар ва сифатан хубтар гардидани ҷанбаҳои илмии рисола боис хоҳанд шуд.

Хулоса, рисолаи Ашрапов Баҳодурҷон таҳқиқоти муҳиму арзишманди илмиву амалӣ буда, натиҷаҳояш хусусиятҳои сарфии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикиро дар қарнҳои XVIII ва XX ба таври возеҳ инъикос менамояд.

**Мудири кафедра Қӯзиева Н.** - Сухани навбатӣ барои муҳокима ба дотсент Юсупова М. дода мешавад.

**Дотсент Юсупова М.** – баромади худро аз қироати тақризи худ оғоз намуданд: Диссертатсияи мавриди таҳқиқ ба яке аз мавзуъҳои хеле муҳим ва ниёзманд ба таҳқи бахшида шуда, икдоми аввалин дар забоншиносии муқоисавӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия, чунончи аз мутолиаи он бармеояд, аз

рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, бистушаш зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти илмӣ мукаммал аст ва маълум гардид, ки он аз мавзуъ ва таҳқиқоти илмӣ бохабар аст ва барои расидан ба ин натиҷа заҳматҳои зиёде ба харҷ додааст. Дар баробари комёбиҳои назарраси диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба онҳо дар марҳилаҳои минбаъдаи фаъолияти илмӣ судманд хоҳад буд:

1) Истифодаи якнавохти вожаи "морфологӣ" ё "сарфӣ" дар саросари диссертатсия беҳтар мебуд.

2) дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд (ниг. С.10,11,24, 25, 54, 67, 120, 124, 132, 148). Инчунин, дар мундариҷа рисола, шумораи фаслу зерфасҳои боби 3 омехта шудаанд (ба ҷои зерфасли 3.2 (3.2.1, 3.2.2...) зерфасли 3.3. омадааст).

3) Хуб мешуд, агар вожаҳои русии "компонент, рол, характер, семантика, проблемаҳо" ва амсоли онҳо, ки дар ирсола ба назар мерасанд, бо забони тоҷикӣ оварда шаванд.

4) дар баъзе саҳифаҳои рисола такрори фикр ба чашм мерасад (ниг. С. 25,47).

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва тавсиявӣ буда, қиммати аслии корро коста намегардонанд.

Диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)" таҳқиқоти анҷомёфта буда ҷавобгӯйи талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи диссертатсяҳои номзадӣ мебошад ва рисолаи илмии мазкур барои муҳокимаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.

**Мудири кафедра Қӯзиева Н.** – барои баррасии автореферат шуруъ намуд:

Мусаллам аст, ки бидуни таҳқиқи ҳаматарафаи осори бадеӣ, илмӣ ва таърихӣ офаридани грамматикаи илмии забонро тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро омӯзиши онҳо имконият медиҳад, баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ва роҳҳои инкишофу тағйирёбии он муайян карда шавад. Бино бар таъкиди акад. Б.Ғафуров, ба забони тоҷикӣ дар қарнҳои IX-X адабиёти бой ба вуҷуд оварда шуд. Ба забони адабии тоҷик лаҳҷаҳои Хуросону осиёимиёнагӣ асос гардидаанд. Забони адабии тоҷик низ ташаккул ёфта, бо он забон шоҳасарҳои оламшумули адабиёти тоҷику форс навишта шудаанд.

Забони таърихномаҳои қарнҳои XVII-XVIII, ки дар ҳудуди Мовароуннаҳр эҷод шудаанд, ҳарчанд шумораашон зиёд асту дар ганҷинаи дастхатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон нигаҳдорӣ мешаванд, ба таври комил тадқиқ нагаштааст. Яке аз таърихномаҳои арзишманд "Туҳфат-ул-хонӣ"-и

Муҳаммадвафои Карминагӣ аст, ки дар байни муҳаққиқони таърихшинос бо номи "Таърихи Раҳимхонӣ" низ маълум мебошад. Шоистаи зикр аст, ки Муҳаммадвафои Карминагӣ асарашро дар соли 1158х/1745м. навишта, онро ба хони сулолаи манғития - Муҳаммад Раҳимхон бахшидааст. Аз маълумоти "Туҳфат-ул-хонӣ" маълум мешавад, ки Муҳаммадвафои Карминагӣ дар сафарҳо ба Раҳимхон ҳамроҳӣ мекардааст ва иштирокчии воқеаҳои замони зиндагии хони манғитӣ, муаррих ва дабири дарбор маҳсуб мешудааст.

Автореферати диссертатсия шомили 25 саҳифа буда, нуктаҳои муҳими диссертатсия зикр карда шудааст.

Баробари ҷиҳатҳои мусбӣ ва натиҷаҳои муайяни бадастовардашуда, дар автореферат як зумра норасоиҳо ва камбудиҳо ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намоем, роҳҳои бартараф намудани онҳоро пешниҳод намоем, то ки ин пешниҳодҳо ба баландшудани арзиши илмиву назариявии рисола мусоидат намояд:

- Саҳ. 12 - Ҷамъи шикастаи забони арабӣ қолабҳои муайяне дорад ба мисли،افعلاء، فعل، افعال، فعال، فعل، مفاعیل، فعول ва ғайра. <u>Хуб мешуд, ки ҳаракатҳои ин вазнҳо гузошта шавад;</u>
- Саҳ. 24. Дар рафти ковишҳо ва ҷамъоварии мисолҳо аз "Туҳфат-ул-хонӣ" оид ба мавзуи мавриди назар дубора қабул намудани пасванди **-он (-ён)** дар ҷонишинҳои шахсии шумораи ҷамъи **мо** ва **эшон** танҳо як маротиба ба чашм расиданд. Гузашта аз ин, дар асар ягон мисоле дида нашуд, ки ҷонишинҳои **мо** ва **эшон** пасванди ҷамъбандии **-ҳо**ро ба худ қабул намуда бошанд. Аммо дар осори устод Айнӣ **моён** ва **шумоён** хеле фаровон ба чашм расид. **Фикр нокомил, пурра кардан лозим.**

Бо шарти ислоҳи хатоҳо ва бартараф намудани камбудӣ ва норасоиҳои дар рисола ҷойдошта, онро метавон ба ҳимоя тавсия намуд.

**Мудири кафедра Қӯзиева Н.** – сухан барои баррасии автореферат ба н.и.филол., дотсент М.Шарипова дода шуд:

Дар маҷрои таҳаввулу густариши забони наср аз қарнҳои XIII-XIV сар карда услуби соданависӣ аз миён рафта, тадриҷан сабку услуби мураккабу душворбаёнӣ такмил ёфт. Забоншиноси шинохта Н.Маъсумӣ роҷеъ ба сабки забони насри давраи таҳқиқ (XVII-XVIII) ақидаи хешро ба таври зайл баён мекунад: …услуб ва тарзи ифода, ки як хислати махсуси адабиёти феодалӣ-дарборӣ буд, оҳиста-оҳиста ба соҳаҳову равияҳои дигар ҳам таъсир бахшида, характери умумӣ-анъанавӣ пайдо кард. Ин вазъият хусусан дар қарнҳои XVIII-XIX вобаста ба инкишофи ҳаракати тақлидӣ-бедилчигӣ дар адабиёт боз ҳам қувват гирифт.

Дар автореферат баъзе иқтибосҳо дар қавсайн нуногун оварда шудааст, хуб мешуд ягона карда шавад: Саҳ. 11, 12, 13, 15.

Хулоса, вазифаҳои ба назди рисола гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд ва мақсади он амалӣ гаштааст.

Рисолаи диссертатсионии П.Б.Ашрапов тадқиқоти мустақилона ва ба охир расида мебошад ва сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ бо забони хуби тоҷикӣ иншо шудааст ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 Забоншиносӣ (10.02.20. - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) сазовор мебошад.

Сухани навбатӣ ба дотсент, **Раҳимов И.** дода шуд. Дотсент И.Раҳимов дар баромади худ қайд кард, ки ин кори илмӣ барои факултет хеле зарур аст, ки инро чанд соли охир факулет мунтазир буд. Зеро самти асосии факултет, забономӯзӣ мебошад ва рӯй овардан ба таърихи забон ва хоссатан, дар муқоиса омӯхтани он хеле муҳим аст. Вақти мутолиаи рисола чунин камбудиҳо ба чашм расид:

- муқаддима бояд кор кард ва он аз рӯи талаботи нави диссертатсия ҷобаҷогузорӣ карда шавад;
- феҳристи осор бояд ба стандарти ГОСТ мувофиқат кунад;

Дар маҷмуъ рисолаи илмии Б.Ашраповро хеле хуб арзёбӣ намуда, ба ӯ дар муҳокимаҳои баъдина муваффақиятҳо таманно кард ва рисолаи диссертатсионӣ шоистаи гузаштан ба муҳокимаи навбатии дифоъ мебошад. Баъди шунидани мулоҳизаҳо, эроду камбудиҳо, пешниҳоду дархостҳо ва муҳокимаи диссертатсия сухан ба унвонҷӯ Б.Ашрапов дода шуд.

Б.Ашрапов дар баромади худ, сараввал ҳамаи ҳозиринро барои иштирок дар муҳокима сипосгузорӣ намуд. Сипас барои мӯшикофона ва дақиқ таҳлилу баррасӣ намудани рисолааш барои ҳар як муқарризон миннатдории худро баён намуд. Б.Ашрапов ҳамаи эроду таклифҳое, ки аз тарафи муқарризон пешниҳод шуд, қабул намуд ва изҳор кард, ки дар муддати кӯтоҳ ҳамаи эродҳову камбудиҳо ислоҳ карда мешаванд. Инчунин ба роҳбари илмии худ дотсент Н.Ғиёсов арзу сипоси худро, барои раҳнамоӣ ва роҳбаладӣ дар ин роҳи мушкили илм ҳамроҳу ҳамқадам буданд, баён кард.

Ниҳоят сухан ба роҳбари илмӣ, номзади илми филология, дотсент Н.И. Ғиёсов дода шуд. Дотсент Н.И. Ғиёсов пеш аз ҳама ба устодон – профессор Т.Шокиров, дотсентон С.Ӯзбеков, М.Юсупова, С.Ҷӯраева, И.Раҳимов, М.Шарипова ва Н.Қӯзиева миннатдории худро изҳор намуд. Инчунин қайд кард, ки дар ҳақиқат ин рисолаи илмӣ орзуи чандсолаи факултет аст, ки барои амалӣ гардидани он 10 солро паси сар намуд ва умед дорем, ки ин гуна корҳои илмӣ, ки таҳлили муқоисавиро дар бар мегирад, бисёртар мегардад.

Хулоса, мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди диссертатсия гузошта шудаанд, комилан амалӣ гаштаанд. Мазмуни диссертатсия бо ном ва ихтисоси зикршуда мувофиқ аст, кори диссертатсионӣ маҳсули ҷусторҳои илмӣ-эҷодии унвонҷӯ мебошад. Муҳтавои диссертатсияро автореферат ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ашрапов Б.П. дар мавзуи “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)” ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) ба ҳимоя тавсия менамоям ва муаллифи он шоистаи дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

Раисикунанда ҳозиринро бо матни тақризи роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илми филология, дотсент Ғиёсов Н.И. шинос кард, ки дар хулосаи он омадааст: “Диссертатсияи Ашрапов Б.П. дар мавзуи “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ҳамчун ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) ба муҳокимаи зинаи навбатӣ тавсия мешавад ва муаллифи он шоистаи дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад” (тақризи роҳбари илмии унвонҷӯ дотсент Ғиёсов Н.И. манзур аст).

Дар интиҳо маҷлис ба **хулосаи** зерин омад:

1. Мухтавои диссертатсияи Ашрапов Б.П. дар мавзуи “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)” бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мутобиқ аст; мавзуи диссертатсия ба самти афзалиятнок – рушди илм ва таълими забонҳои давлатӣ нигаронида шудааст; мухтавои диссертатсия дар намуди мақолаҳои илмӣ интишор ёфтаанд, автореферат ифодакунандаи мазмуни диссертатсия мебошад; барои амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳодҳо дода шудаанд.

2. Диссертатсияи Ашрапов Б.П. дар мавзуи “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) кори илмии анҷомёфта ҳисобида шавад.

3. Бо назардошти ислоҳи норасоиҳои зикршуда диссертатсия ба экспертизаи давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраҳои грамматикаи забони арабӣ ва забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” бо иштироки устодони кафедраҳои номбурда қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 18 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 18, “зид” – 0, “бетараф” – 0.

Суратҷаласаи № 9-ум аз “19-уми” апрели соли 2022.

**Мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ-и “ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров”,**
**номзади илми филология, дотсент: Шарипова М.З.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков 1,**
**тел. (+992) 92 782 1445**
**E-mail: mutabar-1977@mail.ru**

**Мудири кафедраи грамматикаи забони арабии**
**МДТ-и “ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров”,**
**номзади илми филология, дотсент: Қӯзиева Н.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, кӯчаи Д.Раҷабӣ 2б, ҳуҷраи 46.**
**тел. (+992) 92 761 32 44**
**E-mail: kuzieva.nodira@mail.ru**

**Котиби ҷаласа,**
**номзади илми филология, дотсент: Нигматов Н.И.**

**“Имзоҳои М.З. Шарипова, Н.М. Қӯзиева ва Н.И. Нигматовро тасдиқ мекунам”:**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и “ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров”: Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков, 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**